# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ).**

Соҳаи китобдорӣ мутобиқ ба таҳаввулоту талаботи замон, тағйироти ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ пайваста мақсаду муҳтаво, мазмуну мундариҷаи фаъолияти хешро ба раванди пешрафти ҷомеа созгор месозад. Китобхонашиносии ватанӣ ба сифати пойгоҳи асосии назариявии ин соҳа дар саргаҳи инъикоси падидаҳои тозаи иқтисоду фарҳанг ва иҷтимоиёти ҷомеа мавқеъ гирифта, дар баробари дарки набзи муосири ҳаёт дигаргуниҳои раванди соҳаро ба таври дақиқ ва воқеъбинона таҷассум менамояд.

Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистон дар заминаи тағйироти амиқи хеш ба тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсир расонида, зарурати ҷорӣ намудани навгониҳоро ҳамчун омили пешрафт ва рушди устувор ногузир мегардонад. Дар зери таъсири чунин дигаргуниҳо китобхонаҳо ҳамчун ниҳодҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва иттилоърасони ҷомеа бояд шаклу услубҳои хизматрасонии китобдорию библиографиро ба аҳолии мамлакат пайваста такмил диҳанд.

Ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ, рушди босуръати технология ва бозори иттилоотӣ, ҳамкориҳои байналмилалии китобдорӣ-иттилоотӣ, мубодилаи илмию техникӣ ва фарҳангӣ баёнгари раванди фаъоли воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи муосири иттилоотӣ мебошанд.

Дар шароити муосир омӯзиш ва таҳлили мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои рушди минбаъдаи фаъолияти китобхонаҳои мамлакат муҳиммияти хоса касб карда, дар заминаи далелҳое, ки муаллиф Зафари Шариф дар таҳқиқоти анҷомдодаи худ зикр намудааст, моҳияти тоза пайдо мекунад.

Тавре, ки аз таҳлили мазмуни автореферати диссертатсия маълум гардид, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот дар осори

бунёдии илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби бисёр муҳаққиқони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқи амиқу дақиқ қарор гирифтаанд. Дар асару мақолаҳои М.И Акилина, М.Г. Анисимова, С.А. Бражникова О.В. Ветчанова, Н.Л. Голубева, А.А. Графова Е.Н. Гусева, Н.С. Карташов, Е.Ю. Качанова, Е.С. Мартин, И.Ю. Матвеева, С.Г. Матлина, О.А. Ратникова, Е.В.Романова, С.С. Серейчик, Н.А. Толканюк, Д.М. Сукерблат, Н.Т. Чуприна ва дигарон моҳияти инноватсияҳо, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии инноватсияҳои китобдорӣ, шароиту самтҳои ташаккул ва рушди назарияи инноватикаи китобдорӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шариф фарогири тамоми ҷузъиёти раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон набуда, танҳо заминаҳои таърихӣ ва асосҳои назариявию методологии онро инъикос карда, барои таҳқиқи минбаъдаи ҷанбаҳои амалӣ ва дурнамои рушди фаъолияти инноватсионӣ-методии ниҳодҳои дигари иҷтимоии ҷомеа, аз ҷумла китобхонаҳои гуногун имконият ва уфуқҳои нави пажуҳишро боз мекунад.

Саҳми бевоситаи Зафари Шариф дар таҳлилу баррасии мушкилот ва камбудиҳои низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки зимни ташкилу баргузорӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ анҷом додааст, ба таври барҷаста зоҳир мегардад ва ин бори дигар арзиши баланди илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро собит менамояд.

Таҳқиқу таҳлили амиқ ва мушаххаси Зафари Шариф барои муайян намудани роҳҳои самараноки ташаккули салоҳияти инноватсионӣ-методии на танҳо китобдорони имрӯза, балки донишҷӯёни ихтисосҳои соҳаи китобдорӣ, яъне китобдорони оянда низ мусоидат намуда, натиҷаҳои илмии онро ҳамчун маводи муфид дар раванди таълим истифода бурдан мумкин аст.

Аз авторефери диссертатсияи Зафари Шариф маълум мегардад, ки дастгоҳи илмии он ба талаботи ин намуди корҳо комилан ҷавобгӯ аст.

Баъзе ғалатҳои техникии матни автореферат арзиши баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкурро коста намегардонанд ва онро метавон ҳамчун кори мустақилона анҷомдодаи илмию таҳқиқотӣ арзёбӣ кард.

Хулоса, диссертатсияи Зафари Шариф таҳти унвони «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои дахлдори «Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Раиси Иттифоқи касабаи кормандони
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ёров Фозил Самӣ

Имзои Ёров Фозил Самӣ-ро
**“Тасдиқ мекунам”**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Толиб

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
Суроға: 734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33,
Тел.: + 992 37 221 50 83,
Факс: + 992 37 221 71 00

«10» 04 соли 2025